# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**(Ахбори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №7, мод. 458; соли 2006, №3, мод. 149; соли 2007, №7, мод. 662, соли 2008, №6, мод. 451; с. 2012, №4, мод. 253, №8, мод. 820;**
**Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., №1288)**

**Маҷлиси намояндагон 23-юми июни соли 2004 қабул кардааст**
**Маҷлиси миллӣ 8-уми июли соли 2004 ҷонибдорӣ намудааст**

Қонуни мазкур вазифаҳо, принсипҳо, самтҳои асосии фаъолият ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии мақоми ҷумҳуриявӣ, мақому муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва кормандони онҳоро муйян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

**-системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** - мақомот ва муассисаҳои давлатии махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ҷазои ҷиноятиро таъмин менамоянд;

**-муассисаи ислоҳӣ** - мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии муассиса таъсис дода шуда, ҷазои ҷиноятиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ иҷро менамояд;

**-шароитҳои махсуси адои хизмат** - хизмат дар муассиса ва мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятие, ки дар маҳалҳои дурдаст, маҳалҳои шароити обу ҳавояш вазнин ва номусоид воқеъ гардидаанд, кор дар муассисаҳое, ки маҳкумшудагони гирифтори касалиҳои сирояткунанда ва харобии рӯҳӣ адои ҷазо менамоянд, кор дар давраи низоми шароити пурзӯрӣ адои хизмат;

**-воҳидҳои асосии сохтории системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ -** муассисаҳои ислоҳӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ, марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо), нозироти корҳои ислоҳӣ;

**-ҳайати кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** - ҳамаи шахсоне, ки дар муассиса ва мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хизмат ё кор мекунанд;

**-мақомоти ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ - Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии** Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил ва таъмин мекунад; **(Қ ҶТаз 16.04.2012с., №803)**

**-ҳудуди посбонишавандаи муассиса -** ҳудуди девор кашидашудае, ки дар он ҷо низоми ҳуқуқии муқарраркардаи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ амал мекунад;

**-ҳудуди муассиса** - ҳудуди ҳифзшавандаи муассиса, аз ҷумла ҳадди ба он пайвастшаванда, ки онро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян намуда, дар он мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низоми махсуси ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад;

**-хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** - намуди махсуси хизмати давлатӣ мебошад, ки он барои ба амал баровардани вазифаҳои давлатӣ оид ба ислоҳи маҳкумшудагон, мусоидат ба баргаштани онҳо ба ҷомеа, муваффақшавӣ ба офиятёбии иҷтимоии онҳо таъин гардидааст ва дар мавридҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ ба он ваколати ба кор бурдани қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон дода шудааст;

**-марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо)** - муассисаҳои махсуси системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии муассиса таъсис дода шуда, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро дар намуди маҳдуд намудани озодӣ иҷро менамоянд;

**-нозироти корҳои ислоҳӣ** - мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии муассиса таъсис дода шуда, мувофиқи қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро, ки ба ҷудо нигаҳдории маҳкумшуда аз ҷомеа алоқаманд нест, инчунин дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқиро иҷро менамояд;

**-низоми шароити пурзӯри адои хизмат** - ташкили кори ҳайати кормандони воҳидҳои сохтории системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳолати фавқулодда, ё ҳангоми таҳдиди пайдо

шудани ҳамин гуна ҳолат, ба мӯҳлати барои бартараф кардани оқибатҳо зарур, ки давомнокии ниҳоии он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Намуди пурзӯри адои хизмат барои кормандон маҳдудиятҳоеро, ки қонун муайян кардааст, метавонад дар бар гирад;

**-қисми ҳарбӣ -** воҳидҳои ҳарбие, ки дидбонӣ, назорат ва посбонӣ карда бурдани гумонбаршудагон, айбдоршавандагон, маҳбусонро дар мақомот, муассисаҳо ва воҳидҳои сохтории системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таъмин менамоянд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Қонунгузорӣ дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

-қонуният ва адолати иҷтимоӣ;

-ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

-башардӯстӣ, ошкоро ва дастрас будан.

**Моддаи 4. Вазифаҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми ҷумҳуриявӣ, мақомоту муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ роҳбарӣ намуда, вобаста ба он вазифаҳои зерин дорад:

-тибқи тартиби муқаррааргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таклиф пешниҳод мекунад;

-таҳия ва амалӣ намудани барномаи тараққӣ, мустаҳкамкунӣ ва такмилдиҳии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

***-муайн ва дар амал татбиқ намудани тартиб ва тарзу усулҳои гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ* (ҚҶТ аз 15.03.2016 с., №1288);**

-таъмини фаъолияти мақоми ҷумҳуриявӣ ва мақомоту муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо ахбороти зарурӣ;

-ташкили баррасии пешниҳодот, аризаҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон ва дидани чораҳо оид ба барҳамдиҳии камбудиҳои дар ташкили кори мақомоту муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Моддаи 5. Ваколатҳои Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба мақоми ҷумҳуриявӣ, мақомоту муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ваколатҳои зерин дорад:

-ба мақомоти адлия роҳбарӣ намуда, барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи мақомоти адлия гузошташуда, ҷавобгарии шахсӣ дорад;

-дар мувофиқа бо Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми шароити махсусро ҷорӣ мекунад;

-ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба вазифаи муовини вазир - сардори **Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии** Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудан ва аз вазифа озод намудан номзад пешниҳод менамояд;

-муовинони сардори **Сарраёсати** мазкур, командирони қисмҳои ҳарбӣ, муовинони онҳо, сармуҳосиб, сардорони муассисаҳои ислоҳиро бо пешниҳоди сардори Раёсати корҳои ислоҳӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад; **(Қ ҶТаз 16.04.2012с., №803)**

-рутбаҳои махсусро, то рутбаи полковник, медиҳад.

**Моддаи 6. Ҳамкории мақомот ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон**

Мақомот ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон ҳамкорӣ мекунанд.

Мақомоти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки муассисаҳо ва мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вақти иҷрои вазифаҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

зиммаашон гузошташуда мусоидат намоянд.

**Моддаи 7. Вазифаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Вазифаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ:

-иҷро кардани ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ва ҷазои қатл;

-таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва қонуният дар муассисаҳое, ки адои ҷазои ҷиноятиро дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷо меоранд, таъмини бехатарии маҳкумшудагон ва шахсони ба ҳабс гирифташуда, инчунин кормандон, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони дар ҳудуди чунин муассисаҳо буда;

-огоҳонидан, фош кардан, ошкор кардан, пешгирӣ намудани ҷиноятҳо ва вайронкуниҳои тартиботи муқарраршудаи адои ҷазо, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ сурат мегиранд ва ё содир карда мешаванд;

-мусоидат ба фош ва ошкор намудани ҷиноятҳое, ки маҳкумшудагон пеш аз ба муассисаи ислоҳӣ омадан содир кардаанд;

-ҳифз кардани мақомот, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-ҳифз ва посбонии маҳкумшудагон ва маҳбусон ҳангоми аз як ҷой ба ҷои дигар бурдани онҳо;

-таъмини ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшудагон, назорати рафтори онҳо;

-иҷро кардани меъёрҳои шароити нигоҳдошти маҳкумшудагон, ки Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

-таъмини ҳифзи саломатии маҳкумшудагон;

-ҷалби маҳкумшудагон ба меҳнат ва таъмини таҳсилоти умумӣ ва инчунин таълими касбии онҳо дар муассисаҳо дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор;

-таъмини фаъолияти мақомот ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-ба амал баровардани таҳқиқи парвандаҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мансуб дониста шудаанд;

-гузаронидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин мусоидат ба мақомоти гузаронандаи он, барои пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо;

-таҳия намудани таклифҳо оид ба такмили системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-тайёр кардан, такмил додан ва баланд бардоштани сатҳи ихтисоси кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-таъмини беҳбудии шароити санитарӣ - эпидемиологӣ ва ҳифзи саломатии шахсоне, ки дар муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешаванд;

-таъмини бехатарии зидди сӯхтор, экологӣ ва техногенӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-посбонӣ кардани маҳкумшудагон ва шахсоне, ки ба ҳабс гирифта шудаанд;

-таъмини низоми шароити махсус, ки дар асоси фармони Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шудааст;

-иҷрои дигар вазифаҳое, ки ба ӯҳдаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ танҳо тибқи қонун вогузошта шудаанд.

## БОБИ 2. МАҚОМОТ ВА МУАССИСАҲОИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 8. Мақомот ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Мақомот ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ инҳо мебошанд:

-мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-муассисаҳои ислоҳӣ;

-изолятори(тавқифгоҳи) тафтишотӣ;

-марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо);

-нозироти корҳои ислоҳӣ;

-муассисаҳои тиббӣ;

-корхонаҳое, ки барои ба амал баровардани фаъолияти истеҳсолӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил карда мешаванд;

-воҳидҳои ҳарбие, ки вазифаҳои дидбонӣ, назорат ва посбониро таъмин мекунанд.

**Моддаи 9. Мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ- **Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии** Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таъмин мекунад. **(Қ ҶТаз 16.04.2012с., №803)**

Мақомоти ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад.

**Моддаи 10. Вазифаҳои мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Вазифаҳои мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иборатанд аз:

-муайян намудани стратегия, таҳияи шаклҳои асосӣ ва методҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, татбиқи онҳо, инъикоси фаъолияти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар матбуоти даврӣ;

-роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ, расонидани ёрии амалию методӣ ва назорати онҳо;

-таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандоне, ки дар воҳидҳои сохтории системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хизмат мекунанд;

-баррасии арзу шикоятҳои маҳбусон;

-ташкили баҳисобгирии махсуси маҳбусон, аз изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ ба муассисаҳои ислоҳӣ, иҷрои авфи умумӣ ва бахшиши ҷазо;

-ташкили маблағгузорӣ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои такмил ва тараққиёти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-бо кор таъмин намудани маҳбусон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-татбиқи сиёсати кадрҳо, ҷобаҷогузорӣ, таълиму тарбия, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва маишии онҳо, ташкили омодагии касбии кормандон;

-ҷамъ кардан, таҳлил ва санҷиши маълумот дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами кор, талаб намуда гирифтани маълумоти зарурӣ аз мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

-ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

-амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-маҳдуд кардан, муваққатан қатъ намудани даромадани шаҳрвандон ба муассисаҳои ислоҳӣ, изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ ва тарк намудани ҳудуди онҳо дар ҳолати низоми шароити махсус ва фавқулодда.

**Моддаи 11. Ваколатҳои сардори мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Сардори мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ:

-роҳбарии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро таъмин менамояд ва оид ба иҷрои вазифаҳо шахсан масъул мебошад;

-мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯйхати вазифаҳо барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовинони сардори **Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**, командирони қисмҳои низомӣ, муовинони онҳо, сармуҳосиб, сардорони муассисаҳои ислоҳӣ ба Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо манзур менамояд;

-сардорони шӯъбаҳои **Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** ва дигар кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд; **(Қ ҶТаз 16.04.2012с., №803)**

-рутбаҳои навбатии махсусро, то рутбаи майор, медиҳад;

-ҳавасмандгардонӣ ва ба ҷазои интизомӣ кашидани кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар асоси Низомномаи тартиби адои хизмати ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд;

-номгӯи дигар вазифаҳои ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи **Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ** ва унвонҳои ниҳоии махсуси ба онҳо дахлдор, номгӯи категорияҳои вазифаҳои намунавии ҳайати роҳбарикунандаи Раёсати корҳои ислоҳӣ ва рутбаҳои ниҳоии махсуси ба онҳо дахлдорро муайян менамояд; **(Қ ҶТаз 16.04.2012с., №803)**

-низомномаҳои воҳидҳои сохтории системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро тасдиқ мекунад;

-системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро дар мақомоту муассисаҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо намояндагӣ мекунад;

-дар асоси захираҳои молиявии мавҷуда ва вазифаҳое, ки дар назди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ истодаанд, хароҷотномаҳои муассисаҳо ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазоро тасдиқ менамояд;

-ба маблағҳое, ки барои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз Буҷети давлатӣ ҷудо карда шудаанд, бо тартиби муқарраршуда ихтиёрдорӣ мекунад;

-кори тарбиявиро миёни ҳайати шахсии мақомоти ҷумҳуриявӣ, инчунин муассисаҳо ва мақомоти

ичрои ҷазо, аз тарафи онҳо риоя шудани интизом, қонуният ва низоми махфият, тайёрии хизматӣ ва ҷангиро ташкил менамояд;

-шаҳрвандонро қабул мекунад, арзу шикояти онҳоро баррасӣ намуда, аз рӯи онҳо чораандешӣ менамояд, аз рӯи ҳодисаҳои аз ҷониби кормандони системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ вайрон кардани интизом ва қонуният санҷиши хизматӣ мегузаронад;

-мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро ба амал мебарорад.

**Моддаи 12. Муассисаҳои ислоҳӣ**

Муассисаҳои ислоҳӣ бевосита ба мақомоти ҷумҳуриявии системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ тобеъ буда, шахсони ҳуқуқӣ мебошанд ва бо тартиби пешбиникардаи қонун молу мулки муассисаро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ мекунанд.

Муассисаҳои ислоҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба амал мебароранд. Сардорони муассисаҳои ислоҳӣ сардорони таҳқиқи ибтидоӣ мебошанд ва барои ичрои вазифа шахсан масъуланд.

Дар муассисаҳои ислоҳӣ метавонанд мактабҳои таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, курсҳо, дигар муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои офиятёбӣ таъсис дода шаванд.

**Моддаи 13. Вазифаҳои муассисаҳои ислоҳӣ**

Вазифаҳои муассисаҳои ислоҳӣ:

-таъмини адои ҷазо нисбати шахсоне, ки бо ҳукми суд ба маҳрум шудан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд;

-гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар бобати ислоҳшавии маҳбусон;

-таъмин намудани тартиботу қонуният, бехатарии кормандон, шахсоне, ки дар муассисаҳо кор мекунанд ва маҳбусон;

-бо кор таъмин намудани маҳбусон;

-ошкор, пешгирӣ ва фош кардани тайёрӣ ба ҷиноят ва ҷиноятҳои дар муассисаҳои ислоҳӣ содиршаванда ва вайрон кардани тартиби муқарраргардидаи адои ҷазо;

-тайёр намудани маҳбусон ба озодшавӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бораи бо кор ва ҷои истиқомат таъмин намудани онҳо;

-ҷойгиркунӣ ва таъмини моддию маишии маҳбусон;

-мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ;

-гузаронидани таҳқиқи ибтидоии ҷиноятҳое, ки аз тарафи маҳбусон дар муассисаҳои ислоҳӣ содир мешаванд;

-таъмин намудани ҳолати санитарию эпидемиологӣ ва саломатии маҳбусон;

-таъмин намудани бехатарӣ ва сӯхтор;

-ҳамкории фаврию тафтишотӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо;

-мусоидат дар ошкор ва фош кардани ҷиноятҳое, ки аз тарафи маҳбусон то омадан ба муассисаҳои ислоҳӣ содир шудаанд;

-таъмини гузаронидани маҳкумшудагон ба муассисаҳо ва мақомоти ичрои ҷазо мувофиқи қарор, ҳукм ва таъиноти судҳо.

**Моддаи 14. Ваколатҳои сардори муассисаи ислоҳӣ**

Ваколатҳои сардори муассисаи ислоҳӣ:

-бо мувофиқаи мақоми ҷумҳуриявӣ барои пеш аз мӯҳлат озод намудан ва ба низоми сабуктар иваз намудани ҷазо ба суд ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод менамояд;

-нисбати маҳбусон тибқи қонунгузорӣ чорабиниҳои таъсиррасонӣ ва маҷбуркуниро амалӣ менамояд;

-нисбати мурочиати маҳбусон дар бораи риоя нагардидани ҳуқуқи онҳо чораҳо меандешад;

-асоси моддию техникии муассисаро мустаҳкам мекунад;

-ба ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ дар бораи бо кор ва манзили истиқоматӣ таъмин намудани маҳбусоне, ки адои ҷазоро ба итмом расонидаанд, мурочиат менамояд;

-барои ҳимояи манфиатҳои қонунии муассиса ба суд мурочиат менамояд;

-мувофиқи қонунгузорӣ ва рӯйхати вазифаҳо кормандони қаториро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

-унвонҳои навбатии махсусро, то рутбаи прапоршики калон, медиҳад;

-вазифаҳои касбӣ ва нақшаҳои шӯъбаҳои муассисаро тасдиқ мекунад;
-дар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ аз номи муассиса намояндагӣ мекунад.

**Моддаи 15. Ваколатҳои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ**

Ваколатҳои кормандони муассисаҳои ислоҳӣ:

-таъмин намудани тартибот, назорати рафтори маҳбусон, кормандон ва шахсоне, ки дар ҳудуди муассисаҳои ислоҳӣ кор мекунанд;

-сафарбар намудани маҳбусон ба корҳои ҷамъиятии муассиса;

-аз маҳбусон талаб намудани иҷрои Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукми судҳо;

-ҷалб намудани маҳбусон ба корҳои ободонии муассиса;

-дар доираи салоҳияти худ мусоидат намудан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бахши корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

-азназаргузаронӣ ва кофтукови маҳбусон ва кормандоне, ки дар муассиса кор мекунанд, азназаргузаронӣ ва кофтукови сарулибос ва техникаи онҳо ва ҳангоми пайдо намудани ашёи манъшуда мусодира кардани онҳо;

-бақайдгирии маҳбусон, аксбардорӣ, банаворгирӣ ва дигар амалҳоро бо воситаҳои назорати техникӣ анҷом додан;

-азназаргузаронии тиббии маҳбусон бо мақсади муайян намудани истеъмоли машрубот, моддаҳои нашъадор ва психотропӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дар якҷоягӣ бо кормандони милитсия аз назар гузаронидани воситаҳои нақлиёт, ҳуҷҷатҳои расмӣ дар ҳолати гузаронидани чораҳои ҷустуҷӯӣ дар мавриди фирор намудани маҳбусон аз муассиса ва саркашӣ намудани маҳкумшудагон аз адои ҷазо, дар ҷойҳои пайдошавии тахминии онҳо;

-истифодаи ройгони воситаҳои ахбори оммавии давлатӣ дар ҷустуҷӯи маҳбусоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ фирор намудаанд;

-гузаронидани амалиётҳои фаврӣ дар ҷустуҷӯи маҳбусони фироркарда;

-бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бемамониат дохил шудан ба ташкилоту идораҳои дар гирду атрофи муассисаҳои ислоҳӣ ҷойгиршуда, ба ғайр аз биноҳои намояндагии дипломатии хориҷӣ, намояндагии консулгарӣ ва ташкилотҳои байналмилалие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия доранд, дар ҳолати эълон гардидани низоми шароити махсус ва фавқулодда;

-дастгир намудани шахсоне, ки тартиботи ҷамъиятиро дар гирду атрофи муассисаҳои ислоҳӣ вайрон менамоянд ва азназаргузаронии онҳо;

-дастгир ва ба шӯъбаи корҳои дохилии маҳалли ҷойгиршавии муассисаи ислоҳӣ супоридани шахсони дар қаламрави муассиса ҳузурдошта, ки амалиёти ғайриқонуниро содир намудаанд ва азназаргузаронии онҳо;

**Моддаи 16. Изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ**

Изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ мустақиман ба мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тобеъ буда, шахси ҳуқуқӣ мебошад ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ молу мулки изолятори (тавқифгоҳ) тафтишотиро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ мекунад.

**Моддаи 17. Вазифаҳои изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ**

Вазифаҳои изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ:

-нигоҳ доштани шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар ва айбдор дониста шудаанд;

-иҷрои ҷазо дар намуди қатл;

-таъмини иҷрои ҷазо нисбати маҳбусоне, ки дар изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ барои иҷрои корҳои хоҷагӣ мондаанд;

-таъмини бехатарии кормандон ва шахсоне, ки дар ҳудуди изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ кор мекунанд;

-ба қайд гирифтан, назорат ва нигоҳубини шахсоне, ки дар изолятори (тавқифгоҳ) тафтишотӣ нигоҳ дошта мешаванд;

-таъсиррасонӣ ҷиҳати ислоҳшавӣ ба маҳбусоне, ки адои ҷазо мекунанд;

-ташкили иҷрои қоидаҳои дохилии изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ;

-таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, бехатарии кормандон, шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ мебошанд, гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва маҳбусон;

-пешгирӣ, ошкор, фош намудан ва кушодани ҷиноятҳое, ки дар дохили изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ тайёр ва ё содир шудаанд ва пешгирӣ намудани вайронкуниҳои қоидаҳои дохили изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ;

-муҳофизати изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ;

-мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ;

-гузаронидани таҳқиқи ҷиноятҳое, ки дар ҳудуди изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ содир мешаванд;

-гузаронидани корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноят;

-таъмини ҳолати санитарию эпидемиологӣ ва таъмини саломатии гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва маҳкумшудагон;

-таъмини бехатарӣ аз сӯхтор;

-гузаронидани дигар чорабиниҳое, ки ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд.

**Моддаи 18. Ваколатҳои сардори изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ**

Ваколатҳои сардори изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ:

-нисбат ба муроҷиати гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва маҳбусон дар бораи риоя намудани ҳуқуқи онҳо чораҳо меандешад;

-нисбат ба вайронкунандагони тартиботи дохили изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ чораҳои таъсиррасонӣ ва маҷбуркуниро истифода менамояд;

-воситаҳои ахбори оммавии давлатиро дар мавриди кофтукови шахсоне, ки аз изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) тафтишотӣ фирор намудаанд, ройгон истифода мебарад;

-барои ҳимояи манфиатҳои қонунии муассиса ба суд муроҷиат менамояд;

-даромадан ба изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ ва тарк намудани ҳудуди онро дар ҳолати низоми махсус ва фавқулодда маҳдуд ва муваққатан қатъ менамояд;

-мувофиқи қонун ва рӯйхати вазифаҳо кормандони қаториро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

-рутбаҳои навбатии махсусро, то рутбаи прапоршики калон, медиҳад;

-вазифаҳои касбӣ ва нақшаҳои шӯъбаҳои изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотиро тасдиқ менамояд;

-дар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ аз номи изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ намояндагӣ мекунад.

**Моддаи 19. Ваколатҳои кормандони изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ**

Ваколатҳои кормандони изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ:

-дар доираи салоҳияташон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои гузаронидани корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат менамоянд;

-чораҳои ибтидоии ҷустуҷӯи шахсон ва маҳкумшудагонро, ки аз изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ фирор намудаанд, анҷом медиҳанд;

-назорати иҷрои тартиботро дар ҳудуди изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ амалӣ менамоянд;

-азназаргузаронӣ ва кофтукови маҳбусон ва кормандоне, ки дар муассиса кор мекунанд, азназаргузаронӣ ва кофтукови сарулибос ва техникаи онҳоро анҷом медиҳанд ва ҳангоми пайдо намудани ашёи манъшуда онҳоро мусодира менамоянд;

-бақайдгирии гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва маҳбусон, аксбардорӣ, банаворгирӣ ва истифодаи дигар воситаҳои техникиро анҷом медиҳанд;

-азназаргузаронии воситаҳои нақлиёт, ҳуҷҷатҳои расмӣ дар якҷоягӣ бо кормандони милитсия дар ҳолати гузаронидани чораҳои ҷустуҷӯӣ дар мавриди фирор намудани маҳкумшудагон аз изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ дар ҷойҳои эҳтимолии пайдошавии онҳо;

-истифодаи воситаҳои техникии ҳифз ва назорат дар изолятори (тавқифгоҳи) тафтишотӣ.

**Моддаи 20. Марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо)**

Марказҳои ислоҳӣ мустақиман ба мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тобеъ буда, шахси ҳуқуқӣ мебошанд ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки маркази ислоҳиро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамоянд.

**Моддаи 21. Вазифаҳои марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо)**

Вазифаҳои марказҳои ислоҳӣ:

-таъмини адои ҷазои шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ бо ҳукми судҳо маҳкум карда шудаанд;
-баҳисобгирии маҳкумшудагон;
-тавзеҳи тартиб ва шартҳои иҷрои ҷазо;
-фароҳам овардани шароити корӣ, зист ва маишати маҳкумшудагон;
-таъмини ҳифзи саломатии маҳкумшудагон;
-таъмини ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшудагоне, ки ба касалиҳои сирояткунанда гирифторанд;
-таъмини раиояи тартиб ва шартҳои адои ҷазо;
-назорати маҳкумшудагон ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати пешгирии вайронкунии тартиби муқарраргардидаи адои ҷазо;
-таъмини бехатарии кормандон ва шахсоне, ки дар ҳудуди марказҳои ислоҳӣ кор мекунанд;
-бурдани корҳои тарбиявӣ бо маҳкумшудагон бо мақсади ислоҳи онҳо;
-истифодаи чораҳои мукофотонӣ ва муҷозот нисбати маҳкумшудагон, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-ҳифзи марказҳои ислоҳотӣ;
-гузаронидани корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мусоидат бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноят;
-иҷрои дигар вазифаҳое, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд.

**Моддаи 22. Ваколатҳои сардори маркази ислоҳӣ (табъидгоҳҳо)**

Ваколатҳои сардори маркази ислоҳӣ:
-дар мувофиқа бо мақомоти ҷумҳуриявӣ барои пеш аз мӯҳлат озод намудани маҳкумшудагон ба суд ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод менамояд;
-тибқи қонунгузорӣ нисбати маҳкумшудагон чораҳои таъсиррасонӣ ва маҷбуркуниро истифода мебарад;
-нисбати муроҷиати маҳкумшудагон дар бораи риоя нагардидани ҳуқуқҳои онҳо чораҳо меандешад;
-асосҳои моддию техникии маркази ислоҳиро мустаҳкам менамояд;
-барои ҳимояи манфиатҳои қонунии маркази ислоҳӣ ба суд муроҷиат мекунад;
-тибқи қонунгузорӣ ва рӯйхати вазифаҳо кормандони қаториро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад;
-унвонҳои навбатии махсусро, то рутбаи прапоршики калон, медиҳад;
-вазифаҳои касбӣ ва нақшаҳои шӯъбаҳои маркази ислоҳиро тасдиқ менамояд;
-дар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ аз номи маркази ислоҳӣ намояндагӣ мекунад;
-нисбати маҳкумшудагон чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазодиҳиро татбиқ менамояд;
-ба маҳкумшудагон тибқи тартиби муқарраршуда дар ҳолати зарурӣ барои ба мӯҳлати то панҷ шабонарӯз аз ҳудуди ҷои маркази ислоҳӣ баромадан иҷозат медиҳад;
-дар ҳолати ба ҷои адои ҷазо ҳозир нашудани маҳкумшуда кофтукови ӯро эълон менамояд;

**Моддаи 23. Ваколатҳои кормандони марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо)**

Ваколатҳои кормандони марказҳои ислоҳӣ:
-таъмини тартибот, назорати рафтори маҳкумшудагон, кормандон ва шахсоне, ки дар ҳудуди маркази ислоҳӣ кор мекунанд;
-аз маҳбусон талаб намудани иҷрои Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукми судҳо;
-дар доираи салоҳияташон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои гузаронидани корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат намудан;
-назорати иҷрои тартибот дар ҳудуди маркази ислоҳӣ;
-гузаронидани амалиётҳои фаврӣ дар кофтукови маҳкумшудагони фироркарда.

**Моддаи 24. Нозироти корҳои ислоҳӣ**

Нозироти корҳои ислоҳӣ адои ҷазоро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшудагон аз ҷомеа алоқаманд нестанд, иҷро менамояд.

Нозироти корҳои ислоҳӣ бевосита ба мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тобеъ буда, шахси ҳуқуқӣ мебошад.

Сардори нозироти корҳои ислоҳӣ сардори мақомоти таҳқиқ мебошад.

**Моддаи 25. Вазифаҳои нозироти корҳои ислоҳӣ**

Вазифаҳои нозироти корҳои ислоҳӣ:

-таъмини адои ҷазо дар сурати маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, ҷалб намудан ба корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, ки бо ҳукми суд муайян шудааст;

-назорати рафтори шартан маҳкумшудагон, занони ҳомиладори маҳкумшуда ва занони маҳкумшудаи дорои кӯдакони то синни ҳаштсола, ки нисбати онҳо иҷрои ҷазо мавқуф гузошта шудааст, нисбат ба шахсоне, ки шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод шудаанд, дар ҷои истиқомат, кор ва таълимгоҳ ва аз тарафи онҳо риоя гардидани ҳукми суд;

-таъмини риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсоне, ки дар қайд мебошанд, фаҳмонда додани ҳуқуқ ва вазифаҳои маҳкумшудагон;

-пешгирии содир намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкунӣ, аз тарафи маҳкумшудагоне, ки дар қайд мебошанд;

-ташкили ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба назорат ва тарбияи маҳкумшудагон;

-ташкили ҳамкорӣ бо роҳбарияти ташкилоту муассисаҳое, ки дар онҳо маҳкумшудагон кор мекунанд;

-кӯмак барои дарёфт намудани ҷои кор ва истиқомат ба маҳкумшудагоне, ки дар қайд мебошанд;

-ҷалби аҳли ҷомеа барои назорат ва тарбияи маҳкумшудагон;

-чораандешиҳои ибтидоӣ доир ба кофтукови маҳкумшудагоне, ки адои ҷазояшон бе ҷудо кардан аз ҷомеа муқаррар шудааст ва онҳо аз адои ҷазо саркашӣ менамоянд;

-ташкил ва назорати дуруст ва саривақт аз ҳисоби маҳкумшудагон гузаронидани маблағҳо ба буҷети давлатӣ;

-муайян намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки барои аз нав содир намудани ҷиноят, қонуншиканиҳо ва вайрон намудани қоидаҳои меҳнат аз тарафи маҳкумшудагон мусоидат менамоянд ва андешидани чораҳои зарурӣ оид ба бартараф намудани онҳо;

-иҷрои дигар вазифаҳое, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд.

**Моддаи 26. Ваколатҳои сардори нозироти корҳои ислоҳӣ**

Ваколатҳои сардори нозироти корҳои ислоҳӣ:

-оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шахсоне, ки дар қайд мебошанд, санҷиш мегузаронад;

-ба мақомоти дахлдоре, ки барои фаъолияти корҳои алоҳида иҷозатнома медиҳанд, оид ба бозхонди ин иҷозатнома муроҷиат менамояд;

-нисбати маҳкумшудагоне, ки бе асос ба нозирот ҳозир намешаванд, барои маҷбуран овардани онҳо қарор қабул менамояд;

-ба маҳкумшуда дар бораи иваз намудани адои ҷазо, бекор кардани ҳукми шартан қабулшуда огоҳинома медиҳад;

-тибқи қонунҳо оид ба озод намудан аз ҷазо ба суд пешниҳод мефиристад;

-нисбат ба маҳкумшудагон чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазодиҳиро татбиқ менамояд;

-ба суд, прокуратура, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои ҷазо муроҷиат менамояд;

-ба маҳкумшудагон барои бо хоҳиши худашон аз кор озод шудан иҷозат медиҳад.

Иҷрои пешниҳоди сардори нозирот оид ба корҳои ислоҳӣ барои ҳамаи муассисаю ташкилотҳо ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 27. Ваколатҳои кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ**

Ваколатҳои кормандони нозироти корҳои ислоҳӣ:

-аз маҳкумшудагон ва шахсоне, ки дар қайд мебошанд, талаб намудани риояи шартҳо ва тартиби адои ҷазо, ки бо ҳукми суд муайян шудааст;

-барои фаҳмонидани тартиб ва шартҳои адои ҷазо, сӯҳбатҳои пешгирикунанда, муайян намудани масъалаҳои бамиёномада дар рафти иҷрои ҷазо даъват намудани шахсоне, ки дар қайди нозирот мебошанд ва гирифтани баёнот аз онҳо;

-тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан ба манзили истиқоматии шахсоне, ки дар қайди нозирот мебошанд;

-маҷбуран ба шӯъбаи нозирот оид ба корҳои ислоҳӣ овардани шахсоне, ки дар қайд мебошанд ва

тартиби адои ҷазоро риоя намекунанд;

-ворид гаштан ба ҳамаи ташкилот, муассисаву корхонаҳое, ки дар онҳо маҳкумшудагон кор ва ё таҳсил мекунанд;

-санҷиши иҷрои ҳукми суд дар муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки дар онҳо маҳкумшудагон кор мекунанд;

-гирифтани маълумот оид ба музди меҳнат, рафтор, вақти кории маҳкумшуда ва муносибати ӯ бо меҳнат аз муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо;

-дастгир намудани маҳкумшудагоне, ки тартиботи ҷамъиятиро вайрон мекунанд ва ҷиҳати азназаргузаронии шахсӣ ба нозирот овардани онҳо;

-дар сурати аз тарафи шахсони дар қайди нозирот буда содир гардидани ҷиноят онҳоро дастгир намуда, баъди азназаргузаронӣ ба шӯъбаҳои корҳои дохилӣ супоридан;

-барои қайдҳои махсус аз воҳидҳои ахборотии Вазорати корҳои дохилӣ истифода намудан.

**Моддаи 28. Муассисаҳои тиббии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Беморхонаҳо, беморхонаҳои махсуси равонпизишкӣ ва бемории сил, қисмҳои тиббӣ дар ҳудуди муассисаҳои ислоҳӣ барои хизматрасонии тиббӣ ба маҳкумшудагон ва маҳбусон ташкил карда мешаванд.

Барои нигоҳдошт ва муолиҷаи амбулатории маҳкумшудагон, маҳбусон, майзадагон ва нашъамандон сохторҳои тиббие таъсис дода мешаванд, ки муолиҷаи маҷбуриро ба амал мебароранд.

**Моддаи 29. Корхонаҳои истеҳсолии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Барои рушди соҳаи иҷтимоии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҷалби маҳбусон ба меҳнат мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонад корхонаҳоро дар ҳар шакли ҳуқуқию ташкилӣ таъсис диҳад.

Корхонаҳое, ки барои татбиқи фаъолияти истеҳсолӣ дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таъсис гардидаанд, ба доираи фаъолияте мансубанд, ки дар он ҷо тартиби махсуси хоҷагидорӣ муқаррар карда шудааст, ки мувофиқи он маҳкумшудагони ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳӣ адокунанда ба меҳнат ҷалб карда мешаванд. Корхонаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ фаъолияти меҳнатии маҳкумшудагонро ташкил мекунанд, ба маҳбусон маош медиҳанд, пардохтҳои даъвоҳои судиро адо мекунанд, алиментҳо медиҳанд, маблағҳои нафақавӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба буҷет ворид менамоянд.

Молу мулки корхонаҳо аз ҳисоби амволе, ки дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар сарчашмаҳои қонунгузорӣ манънакарда ворид гардидаанд, ташкил меёбад.

Даромади софи корхонаҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим ва истифода бурда мешавад.

**Моддаи 30. Қисмҳои ҳарбии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қисмҳои ҳарбие, ки дидбонӣ, назорат, ҳифз ва посбонии гумонбаршудагон, айбдоршавандагон, маҳбусон ва аз як ҷой ба ҷои дигар бурдани онҳоро дар мақомот ва муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар объектҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунанд, бевосита ба мақоми ҷумҳуриявии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тобеъ мебошанд.

Қисмҳои ҳарбие, ки дидбонӣ, назорат ва посбониро таъмин менамоянд, дар фаъолияти худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», ҳамин Қонун ва Низомномаи тартиби адои хизмати ҳарбиро дастури амал қарор медиҳанд.

## БОБИ 3
## ИСТИФОДАИ ҚУВВАИ ҶИСМОНӢ, ВОСИТАҲОИ МАХСУС ВА ЯРОҚИ ОТАШФИШОН АЗ ҶОНИБИ КОРМАНДОНИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 31. Шартҳо ва ҳадди истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд аз қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон истифода баранд, агар иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида ба тарзи дигар ғайриимкон бошад.

Қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон бо дарназардошти вазъияти бамиёномада, бо салоҳдиди кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Қонун истифода мешаванд. Агар имкон бошад, пеш аз истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи

оташфишон дар бораи нияти истифодаи онҳо бояд огоҳӣ дода шавад.

Дар ҳама ҳолатҳо, ҳангоме ки аз истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон худдорӣ кардан ғайриимкон бошад, кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд кӯшиш намоянд, ки ба ҳадди имкон зарари нисбатан камтари маънавӣ, моддӣ ва ҷисмонӣ расонанд.

Ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ ва ҷароҳат аз истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ё яроқи оташфишон кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вазифадоранд ба зарардида ёрии аввалияи тиббӣ расонанд.

Дар бораи ярадоршавӣ ё марги шахсе, ки дар натиҷаи истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва яроқи оташфишон сурат гирифтааст, корманди системаи иҷрои ҷиноятӣ вазифадор аст ба сардори бевоситаи худ барои огоҳонидани прокурор гузориш диҳад.

Истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ё яроқи оташфишон берун аз ҳадди ваколатҳои худ боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои пешгирии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, дастгир намудани шахсоне, ки ҷиноятро содир намудаанд, бартараф намудани мухолифат нисбат ба талаботи қонунии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, муҳофизати худ ҳуқуқ доранд аз қувваи ҷисмонӣ, аз ҷумла аз усулҳои ҷангии гӯштин, воситаҳои зердаст истифода баранд, агар усулҳои ғайриизҷборӣ иҷрои вазифаҳои ба зиммаи кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вогузоргардидаро таъмин накунанд.

**Моддаи 32 . Истифодаи воситаҳои махсус**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқ доранд аз дастбанд, калтакҳои резинӣ, моддаҳои ашковар, воситаҳои равшандиҳандаю огоҳидиҳанда, асбобҳо барои кушодани биноҳо, боздоштани иҷбории нақлиёт, обпошҳо, дигар воситаҳои махсус, ки кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо он мусаллаҳ мебошанд, инчунин сагҳо, мошинҳои зиреҳпӯш ва дигар воситаҳои нақлиётро истифода баранд:

-барои рафъи ҳуҷум ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, дигар шахсоне, ки вазифаҳои хизматӣ ё қарзи ҷамъиятиро оид ба мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва инчунин барои озод кардани гаравгонон иҷро мекунанд;

-барои пешгирӣ намудани бетартибиҳои оммавӣ ва вайронкунии гурӯҳии тартиботи ҷамъиятӣ;

-барои боздошти ҳуқуқвайронкунандагон, овардани онҳо ба муассиса ва мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳти посбонӣ фиристодан ва шахсони ба ҳабс гирифташуда, агар онҳо ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар шахсоне, ки вазифаҳои хизматӣ ё қарзи ҷамъиятиро оид ба мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ иҷро менамоянд, саркашӣ ва муқобилият нишон диҳанд, ё агар барои гумон кардан асосҳои кофӣ вуҷуд дошта бошад, ки онҳо метавонанд фирор кунанд, ба атрофиён ё худашон зарар расонанд ва инчунин нисбати шахсоне, ки ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар иҷрои вазифаҳои қонунии онҳо қасдан муқобилият нишон медиҳанд.

Пеш аз истифодаи воситаҳои махсус, ба истисно зарурати рафъи ҳуҷуми ногаҳонӣ, инчунин дастгир намудани шахсоне, ки дар қасдан содир намудани ҷиноятҳо гумонбар мешаванд, озод кардани гаравгонҳо, дар бораи нияти истифодаи чунин воситаҳо бояд қаблан огоҳӣ дода шавад ва агар вазъият имкон диҳад, барои қатъ кардани ҳуқуқвайронкунӣ вақти кофӣ дода шавад.

Навъи воситаи махсус ва қувваи истифода бо дарназардошти вазъи бамиёномада, хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ ва шахсияти ҳуқуқвайронкунанда муайян мегардад. Ҳангоми истифодаи воситаҳои махсус эҳтимолияти расонидани зарар ба саломатии шаҳрвандон бояд ба ҳадди имкон кам карда шавад.

Истифодаи воситаҳои махсус нисбати занҳо бо аломатҳои намоёни ҳомиладорӣ, шахсони бо аломатҳои аёни маъюбӣ ва хурдсолон манъ аст, ғайр аз ҳолатҳои содир намудани ҳуҷуме, ки ба ҳаёт таҳдид мекунад, ҳуҷумҳои гурӯҳӣ, ё нишон додани муқобилияти мусаллаҳона.

**Моддаи 33 . Истифодаи яроқи оташфишон**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба сифати чораи ниҳоӣ ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои зерин аз яроқи оташфишон истифода баранд:

-барои ҳимояи шаҳрвандон аз ҳуҷум ва инчунин барои озод кардани гаравгонхо;

-барои рафъи ҳуҷумҳои гурӯҳӣ ё мусаллаҳона ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар шахсоне, ки оид ба муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ё мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ӯҳдадорӣ ё қарзи ҷамъиятиро адо мекунанд;

-барои рафъи ҳуҷумҳои гурӯҳӣ ё мусаллаҳона ба шаҳрвандон, иншооти муҳим ва ҳифзшаванда, биноҳои мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, корхона, муассиса ва ташкилот, сарфи назар аз шакли моликият,

рафъи ҳуҷум ба дастаҳои навбатдори низомӣ ва хизматии мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

-барои дастгир намудани шахсоне, ки муқобилияти мусаллаҳона нишон медиҳанд, ё ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ба даст афтодаанд ё ҷинояткоре, ки аз маҳбас фирор намудааст ва инчунин шахси мусаллаҳе, ки аз иҷрои талаботи қонунӣ оид ба супоридани яроқи оташфишон саркашӣ мекунад.

Пеш аз истифодаи яроқи оташфишон, ба истиснои ҳолатҳое ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, дар бораи нияти истифодаи он бояд қаблан огоҳӣ дода шавад.

Ҳангоми ҳуҷуми ногаҳонӣ ё мусаллаҳона, ҳуҷум бо истифода аз техникаи ҳарбӣ, воситаҳои нақлиёт, дастгоҳҳои парвозкунанда, ҳангоми бо яроқи оташфишон ё бо истифода аз воситаҳои нақлиёт аз маҳбас фирор намудан, ҳангоми ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз онҳо фирор намудани маҳбусон ва инчунин барои озод кардани гаравгонҳо метавонанд бе огоҳӣ аз яроқи оташфишон истифода баранд.

Истифодаи яроқи оташфишон нисбати занҳо, шахсони аломатҳои маъюбиашон намоён ва ноболиғон манъ аст, ғайр аз ҳолатҳои аз ҷониби онҳо содир намудани ҳуҷум, нишон додани муқобилияти мусаллаҳона, содир намудани ҳуҷуми гурӯҳӣ ва ё мусаллаҳонае, ки ба ҳаёти одамон таҳдид мекунанд, инчунин ҳангоми зиёд будани шумораи одамон, ки аз ин амал метавонанд шахсони бегуноҳ зарар бинанд.

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зерин низ ҳуқуқ доранд аз яроқи оташфишон истифода баранд:

-барои додани бонги хатар ва даъват ба ёрӣ;

-барои боздоштани воситаҳои нақлиёте, ки дар он шахси аз маҳбас фирорнамуда савор шудааст, агар ӯ ба талаботи қонунии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ итоат накарда, ҳаёт ва саломатии шаҳрвандонро таҳти хатари воқеӣ гузорад.

Дар ҳамаи ҳолатҳои истифодаи яроқи оташфишон кормандони системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ барои таъмини амнияти шаҳрвандони гирду атроф, расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба зарардидагон ва инчунин хабардор сохтани хешовандон ва намояндагони қонунии онҳо, вазифадоранд ҳамаи тадбирҳои заруриро андешанд.

Дар бораи ҳар як ҳолати истифодаи яроқи оташфишон корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар тӯли 24 соат аз лаҳзаи истифодаи он бояд ба сардори мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар маҳалли хизмати худ ё дар маҳалли истифодаи яроқ гузориш диҳад ва дар ҳолати марг ё ярадор шудани шаҳрвандон фавран ба прокурор хабар диҳад.

**Моддаи 34. Кафолатҳои амнияти шахсии кормандони мусаллаҳи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳуқуқи нигоҳ доштан ва бо худ гардонидани яроқи оташфишон ва дар ҳолатҳои пешбиникардаи ҳамин Қонун истифода бурданро доранд.

Агар шахси аз ҷониби корманди яроқноки системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дастгиршаванда кӯшиши ба ӯ наздик шуданро намояд, ё масофаи муқарраршударо вайрон кунад, корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ хуқуқ дорад яроқи оташфишонро мутобиқи банди дуюми қисми якуми моддаи 33 Қонуни мазкур истифода барад.

## БОБИ 4
## ХИЗМАТ ДАР СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 35. Кормандони системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки дар мақомот, воҳидҳо, муассисаҳо, сохтор ва корхонаҳои системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ вазифаеро ишғол менамоянд ва ба онҳо рутбаҳои махсус дода шудааст.

Рутбаҳои махсуси кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Тартиби додани рутбаҳои махсуси кормандони системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ дар Низомномаи тартиби адои хизмати ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд, муқаррар карда мешавад.

Рутбаҳои махсуси ҳайати роҳбарикунандаи олии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ якумра мебошанд. Ҳангоми ба охир расидани хизмат ба рутбаҳои махсуси мавҷуда калимаҳои “дар истеъфо” илова карда мешавад.

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ либоси ягонаи расмӣ доранд, ки он ройгон дода мешавад. Намунаҳои он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Ба кормандони

системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шаҳодатномаҳои хизматӣ, ки намунааш аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, дода мешавад.

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд дар муносибат бо маҳбусоне, ки дар қайд мебошанд ва дигар шаҳрвандон хушмуомила бошанд, ба шаъни кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иснод наоранд.

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳуқуқ надоранд, ки маълумотҳои дар вақти адои хизмат ба онҳо маълумгардидаро дар бораи бонкҳо, фаъолияти соҳибкорӣ ва маълумоти сирри давлатӣ доштаро, ки қонун ҳимоя менамояд, ба манфиати шахсӣ истифода намоянд.

**Моддаи 36. Хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Ба хизмати системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон на камтар аз 20 ва на зиёдтар аз 40 мебошад, сарфи назар аз миллат, вазъи иҷтимоӣ, муносибат ба дин, ки аз рӯи сифатҳои шахсӣ, ахлоқӣ, кордонӣ, таҳсилот, тайёрии ҷисмони ва вазъи саломатӣ аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вогузоршуда мебароянд, баъди гузаштани хизмати ҳарбӣ аз рӯи даъват ва дар асоси ихтиёрӣ қабул карда мешаванд.

Ҳангоми қабул ба хизмати системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ корманд ҳатман аз қайди давлатии дактилоскопӣ гузаронида мешавад.

Ба хизмати системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ шаҳрвандоне, ки доғи судӣ доранд ё доштанд, қабул карда намешаванд (ба истисноии онҳое, ки аз ҷониби суд сафед карда ё бегуноҳ дониста шудаанд).

Ӯҳдадорони ҳарбие, ки ба хизмати системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қабул гардидаанд, аз ҷумла шунавандагон ва курсантҳои муассисаҳои таълимии махсус, ки барои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутахассис тайёр мекунанд, аз қайди ҳарбӣ бароварда, дар қайди **Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии** Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд. **(Қ ҶТаз 16.04.2012с., №803)**

Барои онҳое, ки ба истисноии хизматчиёни ҳарбӣ, ба системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба кор қабул мешаванд, вобаста ба сатҳи тайёрӣ ва вазифае, ки ба он қабул мегарданд, мӯҳлати санҷишӣ аз 3 то 6 моҳ муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми қабул шудан ба хизмат, корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ савганд ёд мекунад, ки мазмуни он чунин аст: "Ман, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хизмат дар мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, САВГАНД дода, ботантана қасам ёд мекунам, ки то охир ба халқи худ, Ватан ва коре, ки пеша кардаам, содиқ бошам, ҳамеша корманди ҳушёр, ҳақиқатҷӯ, далер ва боинтизом бошам, дар хизмат намунаи ибрат буда Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъӣ риоя намоям, сирри давлатӣ ва хизматиро пинҳон дорам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми вазифаҳои ба дӯши ман вогузошта, талаботҳои оинномаҳо ва фармонҳоро софдилона ва бечунучаро риоя намуда, қуввату тавоноии худ ва ҳатто дар мавриди зарурӣ ҳаёти худро барои муҳофизати сохти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, тамоми намудҳои моликият, шахсият ва ҳуқуқи шаҳрвандон дареғ намедорам. Агар ман ин савганди ботантанаи худро риоя накунам, бигузор дар доираи қонунҳои ҷумҳурӣ қотеъона ҷазо бинам".

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонанд ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин вазорату идора, корхонаҳо, муассиса ва ташкилотҳои тобеи онҳо (дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои иҷрои вазифаҳои махсус бо гузаштан дар ихтиёри кадрҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шаванд. Шахсони мазкур аз тамоми ҳуқуқу имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоии ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда истифода мебаранд.

Корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сурати интихоб шуданаш ба мақоми олии қонунгузорӣ то ба итмом расидани мӯҳлати ваколаташ дар ҳайати раёсати кадрҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мемонад.

Корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо асосҳои зерин аз хизмат озод карда мешавад:

а) бо хоҳиши худ;

б) бинобар расидан ба синну соли ниҳоӣ, ки онро Низомномаи тартиби адои хизмати ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мӯҳлати хизматро муқаррар кардааст;

в) баъди ба охир расидани мӯҳлати хизмат, ки ҳуқуқи ба нафақа баромаданро медиҳад (бо ташаббуси корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё розигии ӯ);

г) бо сабаби ба охир расидани хизмат мувофиқи шартнома;

д) бо сабаби риоя накардани шартҳои шартнома;

е) бо сабаби беморӣ -дар асоси хулосаи комиссияи тиббии ҳарбӣ оид ба корношоямии ӯ ба хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

ж) бо сабаби иллатмандӣ дар асоси хулосаи комиссияи тиббии ҳарбӣ -оид ба нокифоя будани

ҳолаташ ба хизмат ва бинобар беморӣ иҷро карда натавонистани ӯҳдадории хизматӣ, вобаста ба вазифааш ва набудани имкони ба кори дигар гузаронидан;

з) бо сабаби мувофиқат накардани вазифаи хизматӣ ба ихтисосаш аз рӯи натиҷаи аттестатсия;

и) барои дағалона ва ё мунтазам вайрон намудани интизом;

к) барои содир намудани рафторе, ки ба шарафи корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ доғ меорад;

л) дар ҳолати ба қувваи қонун даромадани ҳукми айбдоркунандаи суд;

**м) барои вайрон кардани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо.**

Номгӯи зикршудаи асосҳои аз хизмат озод намудани корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қатъист.

**Моддаи 37. Тартиб ва шартҳои адои хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ давомнокии умумии вақти корӣ на зиёдтар аз 40 соат дар як ҳафта муқаррар карда мешавад. Ҳангоми зарурат кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонанд аз вақти муқарраршуда зиёд, инчунин шабона, рӯзҳои истироҳат ва ид ба хизмат ҷалб карда шаванд.

Ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатии меҳнатии асосии пардохтшавандаи ҳарсола, бе ҳисоби вақти ба ҷои истироҳат рафтан ва бозгаштан бо пардохти роҳкиро (дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон), дода мешавад.

Ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар маҳалҳои шароити иқлимашон душвор ва номусоид адои хизмат менамоянд, сарфи назар аз собиқаи хизматӣ, ба муддати 45 рӯзи тақвимӣ рухсатии меҳнатии асосии пардохтшавандаи ҳарсола дода мешавад.

Ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ рухсатии меҳнатии пардохтшавандаи ҳарсолаи иловагӣ ба муддати зерин дода мешавад:

-баъди 10 соли хизмат -5 рӯзи тақвимӣ;

-баъди 15 соли хизмат -10 рӯзи тақвимӣ;

-баъди 20 соли хизмат -15 рӯзи тақвимӣ.

Ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил намудани корпартоиҳо ва иштирок дар гузаронидани онҳо, машғул шудан ба ҳама гуна намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамзамон ду вазифаро иҷро намудан дар корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ба истиснои фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ манъ аст.

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳақ надоранд дар таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ иштирок намоянд.

Тартиб ва шартҳои дигари хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо Низомномаи тартиби адои хизмати ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, танзим мегардад.

**Моддаи 38. Пардохти музди меҳнати кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Таъминоти пули кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз маоши моҳонаи вазифавӣ, маоши моҳона барои рутбаи махсус, ки маоши моҳонаи таъминоти пули кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро ташкил медиҳанд ва аз иловапулӣ барои собиқаи хизмат иборат мебошад. Андоза ва тартиби пардохти таъминоти пули кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бар ивази озуқаворӣ ҷубронпулӣ пардохта мешавад, ки ҳаҷми он бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли дахлдор муқаррар карда мешавад.

Музди меҳнати кормандони воҳидҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, Полки посбоникунанда, ки зиёда аз вақти кории муқаррарнамудаи қонун дар хизмат мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

Ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки 20 сол ва аз он зиёдтар хизмат кардаанд, изофамаоши ҳармоҳа аз 25 то 50 фоиз ба музди меҳнат зам карда мешавад. Тартиб ва шартҳои пардохти изофамаоши дар ҳамин банд номбаршуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

## БОБИ 5
## ҲИМОЯИ ҲУҚУҚӢ ВА ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНИ

## СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 39. Ҳимояи ҳуқуқии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ намояндаи ҳокимияти давлатӣ буда, дар ҳимояи давлат қарор доранд. Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ шахси дахлнопазир мебошанд. Сӯиқасд ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар ҳама гуна шаклҳояш боиси фавран гирифтани пеши роҳи чунин амалҳо тавассути воситаҳою усулҳое мегардад, ки барои истифодаи онҳо Қонуни мазкур ба системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иҷозат додааст.

Иҷрои талаботи қонунии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои шаҳрвандон ва шахсони мансабдор ҳатмӣ мебошад.

Итоат накардан ба талаботи қонунии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин дигар амалҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гузошташуда монеъ мешаванд, боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

**Моддаи 40. Эҳтимолияти боварӣ ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Нишондоди кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки ба сифати ҷабрдида  шоҳид аз рӯи парвандаи ҳуқуқвайронкунӣ пурсида мешаванд, баробари баёноти шахсони дигар, эътибори исботкунанда дорад.

**Моддаи 41. Норавоии дахолат ба фаъолияти кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда танҳо ба сардорони бевосита ва болоӣ тобеъ мебошанд. Шахсони дигар ҳуқуқи  ба фаъолияти қонунии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дахолат карданро надоранд.

Таъсир расондан ба кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо мақсади монеъ шудан ба иҷрои вазифаҳои хизматиашон, дар кадом шакле, ки бошад, боиси ҷавобгарии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда мегардад.

**Моддаи 42. Ҳуқуқи кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимояи судӣ**

Кормандони системаи ичрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳимояи судии ҳуқуқу манифатҳояшон ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 43. Суғуртаи давлатӣ ва талофии зарар дар ҳолати ҳалок ва ё маъюб шудани кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Ҳамаи кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд аз ҳисоби маблағҳои дахлдори воҳидҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо суғуртаи ҳатмии давлатии шахсӣ фаро гирифта шаванд. Тартиби гузаронидани ин намуди суғурта аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳангоми ҳалок гардидани кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар вақти иҷрои фаъолияти хизматӣ ба оилаҳои ҳалокгардида ва ё шахсони таҳти саробонии онҳо қарордошта ёрдампулии якдафъаина дар ҳаҷми **8** маоши таъминоти пулии ҳалокгардида аз ҳисоби маблағҳои дахлдори воҳидҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пардохта, минбаъд аз шахсони гунаҳкор рӯёнида мешавад.

Дар сурати ба корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ расонидани зарари ҷисмоние, ки барои ба фаъолияти касбӣ машғул шудан имконият намедиҳад, ба ӯ ёрдампулии якдафъаина дар ҳаҷми **6** маоши таъминоти пулӣ аз ҳисоби маблағҳои дахлдори воҳидҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо минбаъд рӯёнидани ин маблағ аз шахси гунаҳкор пардохт карда мешавад. Дар сурати пеш аз мӯҳлат рухсат шудани корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз хизмат дар натиҷаи бемории дар рафти адои ӯҳдадориҳои хизматӣ пайдонамуда ба ӯ кӯмакпулии яквақтаина ба андозаи **5** маоши таъминоти пулӣ, ки дар рӯзи пардохти кумакпулӣ муқаррар шудааст, пардохт карда мешавад.**(ҚҶТ аз 01.08.2012с., №883)**

Зараре, ки ба моликияти кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё хешони наздики ӯ вобаста ба фаъолияти хизматии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ расонида шудааст, бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми пурра ба ӯ ё аъзои оилаи ӯ, аз ҷумла даромади аздастдода, талофӣ карда мешавад.

**Моддаи 44. Таъмини кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо манзили истиқоматӣ**

Ба шахсоне, ки барои хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қабул шудаанд ва бо манзили истиқоматӣ таъмин нестанд, манзили хизматӣ дар шакли ҳуҷраи алоҳида ва ё хона аз рӯи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дода мешавад. Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ беш аз даҳ сол кор кардаанд, инчнин аъзои оилаи корманди

вафоткардаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бе додани манзили зисти дигар, набояд аз манзили хизматӣ бароварда шаванд.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмини кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро бо манзили истиқоматӣ аз ҳисоби фондҳои дахлдори манзилӣ бо тартиби муқарраргардида анҷом медиҳанд.

Мақомоту муассисаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд, ки аз ҳисоби манбаи молиявии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои кормандони худ, ки ба беҳтар намудани шароити манзил эҳтиёҷ доранд, манзили истиқоматӣ харидорӣ намоянд.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ манзили коммуналии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро, ки камтар аз бист сол дар мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кор кардаанд, инчунин манзили коммуналии оилаи шахсони ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ҳалокгардидаро ба таври ройгон ба моликияти онҳо медиҳанд.

Дар сурати ҳалок гардидани корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми иҷрои фаъолияти хизматӣ, ҳуқуқи манзили истиқоматӣ гирифтани оилаи ҳалокгардида дар ҳамон асосҳое, ки ҳангоми дар навбат истодани онҳо мавҷуд буданд ва на дертар аз як сол баъди ҳалок шудани корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешавад.

Барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва аъзои оилаи онҳо барои пардохти хонапулӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ (ба ғайр аз барқ ва газ) имтиёз, дар шакли панҷоҳ фоизи пешбинишуда, муқаррар карда мешавад.

Он кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар деҳот ва шаҳракҳо кор ва истиқомат мекунанд, ба таври ройгон бо истиқоматгоҳи дорои маркази гармӣ аз рӯи меъёрҳои муқарраршуда таъмин карда мешаванд ва ҳамчунин аз дигар имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ истифода мебаранд.

**Моддаи 45. Бо телефон ва ҷой дар муассисаҳои томактабии кӯдакон таъмин намудани кӯдакони кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сурати мавҷуд будани имкониятҳои техникӣ дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи пешниҳоди ариза телефон гузаронида мешавад. Ҳангоми гузаронидани телефон дар хонаи кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ имтиёзи панҷоҳфоизаи пардохти хизматрасонӣ муқаррар карда мешавад.

Ба фарзандони кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҷой дар муассисаҳои давлатии томактабии кӯдакон дар мӯҳлати як моҳ, аз рӯзи бо ариза муроҷиат кардан, кафолат дода мешавад.

**Моддаи 46. Ҳуқуқи кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҷуброни хароҷоти истифодаи нақлиёти шахсӣ бо мақсадҳои хизматӣ**

Ба он кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки барои мақсадҳои хизматӣ нақлиёти шахсиашонро истифода мебаранд, ба андозаҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷубронпулӣ пардохта мешавад.

**Моддаи 47. Ҳуқуқи кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сафари хизматӣ**

Кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки дар сафари хизматӣ мебошанд, ҳуқуқи бе навбат гирифтани чиптаро ба ҳама гуна навъи нақлиёт, инчунин ҳуқуқи дар меҳмонхонаҳо аз рӯи шаҳодатномаи сафари хизматӣ ҷойгир шуданро доранд.

**Моддаи 48. Ҳифзи иҷтимоии кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо сабаби ба нафақа баромадан ва аз кор озод кардани онҳо**

Барои он кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз хизмат бинобар расидан ба синну соли муқарраргардида, бо сабаби беморӣ, ё ки пурра гардидани собиқаи хизматӣ озод шудаанд, ҳуқуқи истифода бурдан аз имтиёзҳои барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешбинишуда нигоҳ дошта мешавад.

Ҳаҷми нафақаи корманди системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз хизмат бинобар расидан ба синну соли муқарраргардида, аз рӯи беморӣ, ё ки пурра гардидани собиқаи хизматӣ озод шудааст, аз таъминоти пурраи пулӣ ҳисоб карда мешавад. Ҳама гуна маҳдудият оид ба пардохти нафақа манъ аст.

Барои шахсоне, ки аз хизмат дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ озод шудаанд, дар сурати таҳдид ба ҳаёт, ба саломатӣ ва амволи онҳо, бинобар фаъолияти пештараашон, муқаррароти қисмҳои 3 ва 4 моддаи 43 Қонуни мазкур эътибор пайдо менамоянд.

Ҳангоми ба хизмати мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қабул шудани мутахассисони баландихтисос, ки бо роҳхат омадаанд, дар мақомоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз рӯи ихтисоси асосӣ

корро давом додаанд, собиқаи меҳнатиашон барои таъмини нафақа ва илова намудани изофамаош ба собиқаи хизматӣ аз ҳисоби ду соли собиқаи умумии корӣ бар як соли хизмат ҳисоб карда мешавад.

**Моддаи 49. Подоши хароҷоти дафн**

Барои дафни корманд ва нафақахӯри фавтида ё ҳалокшудаи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кӯмаки якдафъаинаи пулӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

## БОБИ 6
## ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВӢ ВА МОДДИЮ ТЕХНИКИИ СИСТЕМАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**Моддаи 50. Таъминоти молиявӣ ва моддию техникии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Маблағгузорӣ, таъминоти моддию техникии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ки дар сатри алоҳида нишон дода мешаванд, фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин аз ҳисоби манбаъҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

**Моддаи 51. Таъмини системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо биноҳои хизматӣ**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияи давлатӣ муасиссаҳои системаи иҷрои ҷазои ҷиноятиро бо тартиби муқарраргардида бо биноҳои хизматӣ ва дигар биноҳо таъмин мекунанд.

## БОБИ 7
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 52. Ҷавобгарӣ барои вайронкунии Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайронкунии муқаррароти Қонуни мазкур, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 53. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э.Раҳмонов**

**ш. Душанбе 15 июли соли 2004**
**№ 51**